# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

1. Дар таърихи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқи одатӣ яке аз меъёрҳои аввалине мебошад, ки масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи он бисёрҷабҳа мебошад. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ саҳифаи наверо боз намуда, барои васеъ истифода бурдани одатҳо дар муомилоти маданӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Дар КМ ҶТ меъёри махсус, инчунин меъёрҳои алоҳида низ пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо дар оянда барои танзими муносибатҳои маданӣ ва ҳалли баҳсҳо аз аҳаммият дур нестанд. Дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба монанди Қонуни ҶТ аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва эътирофи баъзе аз санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ бинобар ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо барои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ ҳидоят намуда, баъзе аз холигиҳои низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро пурра гардонида бошанд ҳам, аммо на ҳама муносибатҳои бавуҷудоянда дар низоми ҳуқуқӣ танзими худро ёфтаанд.

Илова бар ин, ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ муносибатҳое ба назар мерасанд, ки онҳо танзими ҳуқуқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ надидаанд, аммо судҳо бинобар мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи судӣ дар ин самт ва дар баъзе ҳолатҳо аз нарасидани дараҷаи тахассусӣ одатҳо ё ин ки одатҳои ҳуқуқиро дар ҳалли баҳсҳо татбиқ намекунанд. Зиёда аз ин, дар Тоҷикистон маҷмуи ягонаи одатҳо ё одатҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои маданиро ба танзим дароранд, ҷой надорад, ки ин низ мушкилоти муайянеро ба миён меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое, мебошад, ки бо қабул қонуни миллии худ одатҳоро ба одатҳои ҳуқуқӣ табдил дода, онҳоро аз вайроншавӣ ва маҳшавӣ ҳифз намудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон одатҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба як низом даровардa нашуда, иштирокчиёни субъектони муомилоти маданӣ пеш аз ҳама соҳибкорон ва тоҷирон аз мавҷудият ва истифодаи он бебаҳра монданд. Аз ин лиҳоз, такмил додани қонунгузории ҶТ бо истифода аз қоидаи одатҳо ба ҳифзи арзишҳои миллӣ низ кӯмак мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросими динӣ аз 24 майи соли 2007 зикр намудаанд, ки «...мо имрӯз барои тамоман аз байн бурдан ё барҳам додани расму оинҳои халқӣ ва маросими динӣ ҷамъ наомадаем, балки мақсади асосиамон ин аст, ки дар баробари муайян кардани меъёрҳои баргузории онҳо ба раҳоии мардуми кишвар аз банди худнамоӣ ва таассубу хурофотпарастӣ оғози нек

бахшем». Пас аз суханронии мазкур ва бо ташабусси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва баъди муҳокимаронихо ва пешниҳодҳои шаҳрвандон 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд, ки ин Қонун 20-уми июни соли 2024 №499 таҳти унвони «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Асосҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи одатҳо ва ё иҷозати онҳо аз ҷониби давлат дар муомилоти маданӣ як зумра проблемаҳоеро ба миён овардаанд. Агар ин аз як тараф аз ҷиҳати назариявӣ мавҷуд набудани таҳқиқотҳои назариявӣ илмӣ бошанд, аз тарафи дигар коҳиш ёфтани шуури ҳуқуқии субъектони ҳуқуқтатбиққунӣ ва иштирокчиёни муомилоти маданӣ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши одатҳо дар муомилоти маданӣ ва муайян намудани нақши он дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур ва мубрамияти онро ташкил медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзу ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар дар 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Анушервони Исрофил маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ аз руйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Ҳамроев Шуҳрат Садирович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон;
- Бобозода Ҷамрод Қурбон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Аминова Ф.М.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ — Сулаймонов Ф.С.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ — Шарифзода Ф.Ш.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқизода Э.Ш.
«12» 02 2025 с.